# ХУЛОСАИ

## ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-028-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДИН АЙНӢ

дар бораи диссертатсияи Ҳамроев Равшанкул Замонович дар мавзӯи “Поэтикаи ашъори Гулназар” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик

Парвандаи аттестатсионии №__22

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 26 декабри соли 2019

Дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамроев Равшанкул Замонович додани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик.

Диссертатсияи Ҳамроев Равшанқул Замонович дар мавзӯи “Поэтикаи ашъори Гулназар” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121) барои ҳимоя пазируфта шудааст.

**Ҳамроев Равшанқул Замонович** соли таваллудаш 18.09.1960, миллаташ тоҷик, узви ҲХДТ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон., Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи адабии ба номи Қутбӣ Киром.

Диссертант соли 1984 шуъбаи забон ва адабиёти факултети таъриху филологияи Институти давлатии педагогии Ленинобод ба номи С.М.Киров (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров)-ро аз рӯйи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст.

Солҳои 1984 - 2016 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии рақами 35-и ноҳияҳои Ёвон, рақами 27- и ноҳияи Айнӣ, рақами 32-и ноҳияи Ургути вилояти Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва коллеҷи омӯзгории шаҳри Панҷакент муаллими забон ва адабиёти тоҷик будааст.

Аз 1 сентябри соли 2016 дар кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ чун ассистент, аз соли 2018 инҷониб муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти факултети таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоии ҳамин донишгоҳ мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёт ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ: Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович,** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Восиева Рухшона Қурбоновна** доктори илмҳои филология, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

**- Дустов Комилҷон Авлоқулович** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

**Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.**

Дар тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров омадааст, ки таҷрибаҳои ҳунарии Гулназар дар анвои шеърӣ – аз фард то дубайтиву рубоӣ, чаҳорпораву ғазал, ашъори нимоӣ ва сапед ба танаввуи эҷодиёти шоир ва таҷассуми тозакориҳо дар ҳар яке аз ин навъҳои шеърӣ ишора мекунад. Ҳарчанд оид ба вежагиҳои ашъори Гулназар таҳқиқоте дар сурати мақолаву навиштаҳо дар таркиби осори пажӯҳишии адабиёти муосири тоҷик ба миён омадаанд, аммо то кунун рисолаи ҷудогонаи илмӣ оид ба поэтикаи ашъори шоир иншо нагардидааст.

Дар маҷмӯъ, рисолаи Ҳамроев Равшанқул Замонович бар асоси ба кор гирифтани сарчашмаҳои нодир, осори назарии таҳқиқӣ ва аз ҳама муҳимтар, фарогирии маҷмӯаҳои ашъори Гулназар ба миён омада, аз тозагии фаровон ва арзишҳои муҳими илмӣ бархӯрдор аст.

Дар баробари ин дастовардҳо дар рисола бархе камбудиҳо низ ба чашм расиданд, ки дар оянда ба эътибор гирифтани онҳо ба салоҳи кори диссертант хоҳад буд:

1.Дар қисмати дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, дар муқаддима диссертант ба мақолаҳои роҷеъ ба ашъори устод Гулназар ба қаламовардаи профессор Атахон Сайфуллоев ишора кардааст. Хуб мешуд, ки дар ин бахш роҷеъ ба асари арзишманди адабиётшиноси мазкур “Насри шоиронаи Гулназар” низ матолибе меафзуд.

2.Фасли аввали боби аввали рисола, ки ба зиндагиномаи устод Гулназар бахшида шудааст, тафсилоти бештар дорад.

3.Дар баррасии нукоти аслии рисола таъйини ҷойгоҳи ғазал, рубоӣ ва шеъри сапед ҷойгоҳи махсус дорад, ки диссертант нахуст ба сайри таърихии ин навъ ашъор шурӯъ аз адабиёти классикӣ то замони шоир

руҷӯъ мекунад. Ба чунин кор то як андоза зарурат нест, зеро дар навбати аввал ин мабоҳиси ҳалшуда ва таҳқиқёфтаанд.

4.Дар феҳристи адабиёти рисола бархе аз сарчашмаҳо ба таркиби осори таҳқиқӣ оварда шудаанд. Аз ҷумла, 59.Бобо Тоҳир. Таронаҳо / Бобо Тоҳир.-Душанбе: Адиб, 1992.-80 с. 60.Бедил. Абдулкодир. Осор / Абдулкодир Бедил.-Душанбе: Адиб, 1990, ч.1.-704 с. . Ҳол он ки бояд ин осор ба қисмати сарчашмаҳо ҷой дода шаванд.

5.Дар рисола бархе ғалатҳои имлоиву техникӣ низ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо боз ҳам ба афзудани арзиши илмии рисола мусоиданд.

Ин камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиш ва аҳамияти диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Ба таври умум, метавон таъкид дошт, ки диссертатсияи Ҳамроев Равшанқул Замонович дар мавзӯи "Поэтикаи ашъори Гулназар" ба асоси меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик мебошад.

Автореферат ва китобу мақолаҳои нашрнамудаи диссертант мӯҳтавои диссертатсияро ифода карда метавонанд, ки инҳоянд:

1.Ҳамроев Равшанқул. Падидаҳои ҳунарӣ дар шеъри Гулназар. Монография: / Равшани Ҳамроҳ.- Душанбе: Ирфон, 2018.- 192 с.

2.Ҳамроев Равшанқул. Мақоми Гулназар дар таҳаввули жанри рубоӣ / Равшани Ҳамроҳ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.- Душанбе, 2017.- №4 (71).-с. 119- 127.

3.Ҳамроев Равшанқул. Нақши Гулназар дар таҳаввулоти ғазал / Равшани Ҳамроҳ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.- Душанбе, 2017.- №5 (72).-с. 171-178.

4.Ҳамроев Равшанқул. Парадокс дар шеъри Гулназар / Равшани Ҳамроҳ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.- Душанбе, 2018.- №3 (75).-с. 231- 235.

5.Ҳамроев Равшанқул. Таҳаввулгароиҳои Гулназар дар дубайтӣ Равшани Ҳамроҳ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе 2018.- №8 (қисми 1).-с. 169- 175.

Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:

**Ҳикматов Ҷумъабой Ҳакимович-** номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ. Тақриз мусбат буда, дар он зикр менамояд, ки рисолаи Ҳамроев Равшанқул Замонович «Поэтикаи ашъори Гулназар» то ба имрӯз ягона асари илмиест, ки дар он ба таври пурра ҳунари шоирӣ ва мавзӯоти ашъори Гулназар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар баробари комёбиҳо дар матни фишурдаи рисолаи Ҳамроев Равшанқул Замонович баъзе камбудиҳо ба чашм хӯрданд:

1.Мавҷуд будани баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ (саҳ. 5, 8, 21).
2.Хуб мешуд, дар фасли «Гулназар- шоири навгаро» ҳангоми таҳлилу баррасии шеъри нимоӣ ва шеъри озод, ҳунари шоирии Гулназар дар сароидани ин қабил шеърҳо бо шоирони Эрон муқоиса мегардид.
3.Агар навгониҳои ғазалҳои Гулназар дар муқоиса бо шоирони дигари ҳамзамонаш дар фасли «Навпардозиҳои Гулназар дар жанри ғазал» баррасӣ мегардиданд, нуран алонур мешуд.

**Одинаев Нурмахмад Сафарович,** номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Дар ин тақризи мусбат муқарриз қайд менамояд, ки муҳаққиқи сермаҳсул ва донишманд Ҳамроев Равшанқул Замонович дар рисолаи илмии худ поэтикаи ашъори Гулназарро мавриди баррасӣ карор додааст, ки ин тарзи пажӯҳиш бо чунин сабки тадкик ба шинохти марҳилаи нави шинохти шеъри муосири тоҷик метавонад таъсиргузор бошад. Ҳамзамон дар ин рисола саъй шудааст, ки назариёти шеъри муосир дар чабҳаҳои гуногуни накди адабӣ дар мисоли шеъри Гулназар матраҳ гардад. Бо вуҷуди ин дастовардҳо дар тадқиқоти мазкур баъзе нуқсонҳои ҷузъӣ ба назар мерасад:

1.Ба назари мо, саҳми Гулназар дар шинохт ва пажӯҳиши шеъри устод Лоиқ ва дигар шоирон дар боби алоҳида тадқиқ мегардид, беҳтар буд.

2.Марҳилаҳои асосии ташаккули эҷодиёти шоир ва фарқияту умумияти онҳо бояд дар рисола ба таври муқоиса муайян карда мешуд.

3.Баъзе ҷумла, мушоҳида ва хулосаҳои муҳаққиқ оҳанги ҳукмомез доранд, ки ин гуна шеваи тадқиқ дар илм роиҷ нест.

4.Дар рисола баъзе калимаву ибораҳои ғалат ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор хоҳад буд.

**Бобобеков Алишер Мирбобоевич** - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат буда, аз ҷумла дар он чунин омадааст: «Аз шиносоии комили фишурда маълум мешавад, ки унвонҷӯ баҳри пурра даст ёфтан ба муҳтавои кори худ бар ҷиддият кӯшида, ба ҳар бобу фаслу зерфасл кунҷковона назар дӯхтааст. Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти хеш ба муваффақиятҳои чашмрас комёб гаштааст». Дар баробари ноил гаштан ба комёбиву муваффақият дар матни фишурдаи рисолаи Ҳамроев Равшанқул Замонович таҳти унвони «Поэтикаи ашъори Гулназар» баъзе камбудиҳо ба чашм расиданд:
1.Мавҷуд будани баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ (саҳ. 3, 4, 21).
2.Дар фишурдаи рисола баъзан такрор дида шуд: «Дар ашъори Гулназар вожаи серистеъмолтарин субҳ аст» - саҳ.19 ва «Серистеъмолтарин калима дар ашъори Гулназар вожаи субҳ аст» - саҳ 21.

**Мирсаидов Бахром Тохирович -** номзади илмхои филологӣ, дотсент, директори китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоча Асирӣ. Дар ин такризи мусбат мукарриз чунин кайд намудааст: "Шоистаи дастгирист, ки шоиру мухаккики шинохта Хамроев Равшанкул ба тадкики мачмӯи аркону унсурхои аслии ашъори Гулназар машғул гардида, чанбахои мехварии хунари сухангустарии ӯро ба шеваи матлуб ба муомилоти илмӣ ворид намуд". Баробари чунин муваффакиятхои бебахс дар фишурда камбудихои чузъии ислохпазир низ ба чашм мерасанд:

1.Унвончӯ дар мукаддима кисмати "Дарачаи тахкики мавзӯъ"- ро бо чор суол ба охир мерасонад. Ба андешаи мо, ин шева дар кори илмӣ писандида нест.

2.Дар фишурда ғалатхои услубӣ низ ба мушохида мерасанд.

Мукарризони расмӣ дар баробари муайян кардани баъзе нуксонхои автореферати диссертатсия (точикӣ ва русӣ) мухиммияти чанбахои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардхои шоёни муаллифи диссертатсияро низ холисона таъкид намудаанд.

Интихоби мукарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онхо мутахассисони варзида дар сохаи адабиётшиносӣ, ба вижа накди адабӣ буда, дар ин самт асару маколахои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмун ва мухтавои онхо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад. Муассисаи пешбар яке аз ниходхои бонуфузи таълимиест, ки дар чумхурӣ бо мутахассисони варзидаи худ дар самти тахкику тахлили масоили умдаи адабиётшиносӣ, бахусус накди адабӣ шухрат ёфтааст.

Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки мухаккик дар асоси маводи зарурӣ ва фаровон оид ба поэтикаи ашъори Гулназар дар робита ба хунари шоирӣ ва услуби фардиву навпардозихо ва сахмаш дар ташаккули адабиёти муосири точик ва дигар масоили вобаста ба мавзӯъро ба таври дакик мавриди тахлил ва баррасӣ карор додааст.

Пешниход шудааст, ки Гулназар чун шоири навгаро ва навпардоз дар шеъри муосири точикӣ накши бориз дорад. Тачрибахое, ки ӯ дар шеър ва дигар анвои суннативу мудерн кардааст, кобили пажӯхиш ва накди адабианд. Мусаллам аст, ки дар ин чабха шоир аз дигар бузургон низ ин шевахоро омӯхтааст. Илова бар ин, таъсири ӯ ба дигар шоирони хамзамони мо низ расидааст. Хамин таъсирпазирихо ва асаргузорихо ба таври мушаххас мавриди пажӯхиш ва баррасӣ карор бигиранд.

**Ахамияти назарии тахкикот** дар он ифода меёбад, ки Гулназар яке аз шоирони таъсиргузори муосир буда, ашъори навпардозонаи ӯ дар муайян кардани тамоилхои асосии поэтикию хунарии шеъри имрӯз мухим аст. Тозакорихо ва навчӯихои бобарори шоир дар инкишоф ва тачаддуди анвои суннатии шеъри точикӣ, аз кабили ғазалу рубоӣ ва дубайтӣ ва

шеъри озод дорои аҳамияти муҳими назарӣ мебошанд. Таҳқиқи вижагиҳои суварӣ, истифодаю корбасти санъатҳои бадеӣ, таҷрибаи усули баёни пародоксӣ, истифодаи тасвирҳо ва бинишҳои тозаи адабию бадеӣ, риояти мусиқии шеър ва ғайра аз ҷумлаи омилҳои адабие ҳастанд, ки моҳияти назарию пажӯҳишии мавзӯи таҳқиқро меафзоянд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он зуҳур меёбад, ки мавод ва натоиҷи тадқиқотро барои баррасӣ ва нақди шеъри муосири тоҷикӣ роҳ мекушояд. Илова бар ин, метавон аз хулосаҳои илмӣ ва бардоштҳои назарию амалии диссертант ҳангоми таҳияи таърихи адабиёти муосири тоҷик, таърихи инкишофи шеъри имрӯз, таълифи китобҳои дарсии адабиёти муосир, рисолаю мақолаҳо ва гузоришҳои илмӣ перомуни тамоилҳои инкишофи шеър, навиштани рисолаҳои магистрию докторӣ истифода намуд. Инчунин маводи рисола, барои таҳия ва хондани курсҳои лексионии адабиёти муосир барои донишҷӯёни факултети филологӣ аз аҳамият холӣ нест.

**Усули ин таҳқиқот**ро меъёрҳои маъруф ва эътирофгардидаи пажӯҳиши илмӣ аз қабили усули таҳқиқи маҷмӯӣ, таҳқиқи таърихӣ- қиёсӣ ва оморӣ ташкил медиҳад. Ҳангоми баррасии масоили поэтикию ҳунарии ашъори Гулназар аз имконият ва зарфиятҳои илмии усули таҳлили сохторӣ фаровон истифода шуд.

**Саҳми фардии муҳаққиқ** дар он тазоҳур меёбад, ки ташаккулу рушди эҷодиёти Гулназарро ба вазъи адабиву фарҳангӣ ва иҷтимоии панҷ даҳсолаи охир марбут дониста, таъсири рӯйдодҳои сиёсию фарҳангиро ба ташаккули фардияти эҷодии шоир асоснок карда, бо дарназардошти ҳамин масоил диссертант ба ашъори ӯ таваҷҷуҳ намудааст ва собит кардааст, ки Гулназар зина ба зина чун шоири навпардоз дар адабиёти муосири тоҷик мақоми шоиста ва нақши калидиро ба даст овард. Лирикаи шаҳрвандӣ ва ашъори иҷтимоии Гулназар дар замони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон тобишҳои тоза ва назаррас касб кардааст, ки ин масъала дар диссертатсия тадқиқи густурда шудааст. Бозтоби вазъи нооромии солҳои 90-и садаи бист ва ҷанги таҳмилӣ дар шеъри Гулназар воқеъбинона муайян мегардад. Навовариҳои Гулназар дар қолабҳои суннатии ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ мавриди пажӯҳиши диссертант қарор гирифтаанд. Намунаи бозёфтҳои шоирона ва тавфиқҳои эҷодии шоир дар шеъри озод (нимоӣ) ва шеъри сафед (шомлуӣ) ва амсилаҳои тозаи офаридаи ӯ дар шеъри нав дар диссертатсия мавқеи муҳим касб кардаанд.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ рӯзи 26 декабри соли 2019 дар бораи ба Ҳамроев Равшанқул Замонович додани

дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ аз шумораи умумии _25___ нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, __22__ нафар иштирок дошт, ки аз ин _7__ нафар аз рӯйи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик мебошанд, дар ҷаласа иштирок дошт. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 22____ нафар, "зид" - нест "баргаҳои беэътибор" - нест

Баромади Ҳамроев Равшанқул Замонович дар мавзӯи "Поэтикаи ашъори Гулназар" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик, тақризи муассисаи пешбар, баромади муқарризони расмӣ, доктори илмҳои филологӣ, дотсент Восиева Рухшона, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Дустов Комилҷон ва тақризҳо ба авторефератро шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи диссертант

**Қарор қабул мекунад:**

1. Диссертатсияи Ҳамроев Равшанқул Замонович дар мавзӯи "Поэтикаи ашъори Гулназар" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)"-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Мақолаҳои илмӣ ва монографияи нашрнамудаи унвонҷӯй мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Ҳамроев Равшанқул Замонович дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Ҳамроев Равшанқул Замонович дипломи дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷикро диҳад.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷаматов С.
Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Мирзоалиева А.Ш.
26 декабри соли 2019.